*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Маҳмудов Файзидин Изатуллоевич ба диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ЧТ «Амонатбонк»)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳоиилм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар ҳақиқат, баррасии ҷиддӣ ва амиқи муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» муқарризро ба хулосае водор кард, ки ихтисоси диссертатсия ба бандҳои 9.1, 10.7, 10.9, 10.10, 10.12, ва 10.22-и шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи барои экспертиза равоншуда - «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масъалаҳои мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна дарҷ гардидааст.

Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ яке аз омилҳои калидии дастгирии соҳибкории хурду миёна маҳсуб ёфта, дар шароити кунунӣ барои суботи иқтисодии кишвар аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Корхонаҳои хурду миёна муҳаррики асосии эҷоди ҷойҳои корӣ ва муаррифии маҳсулоти дохилӣ мебошанд, аммо аксар вақт бо сабаби маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва расмиёти мураккаби қарздиҳӣ наметавонанд потенсиали пурраи худро амалӣ созанд. Маҳз тавассути соддагардонии талабот ва ҷорӣ намудани равандҳои муосир метавон дастрасии соҳибкоронро ба захираҳои молиявӣ ба таври назаррас осон намуда, фаъолияти онҳоро такон бахшид.

Дар ин раванд, Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» ҳамчун муассисаи молиявии давлатӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд, зеро он дорои шабакаи васеътарини филиалҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар мебошад. Бонк бо истифода аз ин имконият метавонад ҳамчун пул байни маблағҳои давлатӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ хидмат кунад. Мукаммалсозии механизми қарздиҳӣ дар

«Амонатбонк» пеш аз ҳама коҳиш додани мӯҳлати дида баромадани аризаҳо ва осон кардани шартҳои пешниҳоди гарави қарзиро тақозо мекунад, ки ин ба соҳибкорони минтақаҳои дурдаст имкони бештари рушдро медиҳад.

Гузашта аз ин, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва рақамкунонии хизматрасониҳо дар механизми пешниҳоди қарз метавонад самаранокии кории «Амонатбонк»-ро чанд баробар афзун гардонад. Ҷорӣ намудани тиҷорати электрониву баҳодиҳии автоматии қобилияти пардохтпазирии мизоҷон (скоринг) имкон медиҳад, ки омили инсонӣ ва хавфҳои амалиётӣ коҳиш ёфта, вақти коркарди дархостҳо ба маротиб кам карда шавад. Ҳамчунин, пешниҳоди маҳсулоти қарзии соҳавӣ бо фоизҳои имтиёзнок барои соҳибкорони бахши кишоварзӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ метавонад ба зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ ва содирот мусоидат намояд.

Дар натиҷа, таҳким ва мукаммал гардонидани ин механизм на танҳо ба афзоиши портфели қарзии худи «Амонатбонк» ва баланд шудани даромаднокии он оварда мерасонад, балки ба рушди устувори бахши хусусӣ низ заминаи мусоид мегузорад. Соҳибкории хурду миёна бо дастрасӣ ба қарзҳои дастрасу дарозмуҳлат имкон пайдо мекунад, ки фаъолияти худро васеъ намуда, технологияҳои нав ворид созад ва ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад. Ин раванд дар маҷмӯъ ба афзоиши даромади аҳолӣ, мустаҳкам гардидани заминаи андозбандӣ ва рушди умумии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон хизмат хоҳад кард.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи такмили механизми қарздиҳии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба СХМ дар ҳамбастагӣ бо раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ нахустин маротиба ҳамчун масъалаи комплексӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

1. Муаллиф дар асоси равиши тиҷоратию саноатӣ, методологияи таснифи субъектҳои соҳибкорӣ мукаммал кардааст. Навгонии илмӣ дар ворид намудани коэффитсиентҳои ислоҳкунандаи соҳавию минтақавӣ ба низоми нишондиҳандаҳои меъёрӣ ифода меёбад. Ин равиш имкон медиҳад, ки стандартикунонии қабули қарорҳои қарзӣ таъмин гардида, сатҳи шаффофияти арзёбии таваккалҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонии иқтисодиёт афзояд.

2. Аз ҷониби диссертант механизми нави мониторинги маҷмӯии таъсири қарзгузорӣ ба динамикаи рушди СХМ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Хусусияти фарққунандаи он дар ҳамгироии нишондиҳандаҳои сифатии сандуқи қарзӣ, нархгузории фоизӣ ва параметрҳои маҳсулоти бонкӣ дар сатҳи низомӣ ва бонки давлатӣ мебошад, ки имкон медиҳад монеаҳои сохториву институтсионалии маблағгузории СХМ-и самти истеҳсолӣ дақиқ муайян ва ташхис карда шаванд.

3. Унвонҷӯ низоми муҳити институтсионалии қарздиҳии СХМ ҳамчун сохтори идорашавандаи қоидаҳо, расмиёт ва инфрасохтори молиявӣ ба таври

консептуалӣ афзоиш додааст. Навгонии илмии он дар эҷоди механизми ҳамгироии дастрасии СХМ ба захираҳои молиявӣ бо ҳадафҳои фарогирии молиявӣ ва таъмини устувории дарозмуҳлати низоми бонкӣ ифода меёбад.

4. Диссертант механизми стратегии такмили фаъолияти қарздиҳии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар шароити саноатикунонии босуръат асоснок кардааст. Навгонӣ дар таҳияи модели муайяни гузариш аз қарздиҳии кӯтоҳмуҳлати тиҷоратӣ ба модели маблағгузории сармоягузории миёна ва дарозмуҳлати субъектҳои СХМ-и истеҳсолӣ таҷассум меёбад, ки ба табдили сохтории иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва хулосаҳои методологии таҳияшуда заминаҳои назариявии соҳаи қарздиҳии бонкиро ба соҳибкории хурду миёна дар шароити саноатикунонии босуръат амиқтар мегардонанд. Муаллиф равиши навро дар таснифи субъектҳои соҳибкорӣ ва арзёбии таваккалҳои қарзӣ пешниҳод намуда, консепсияи беҳтар кардани муҳити институтсионалиро муфассал асоснок кардааст, ки он метавонад ҳамчун заминаи афзалиятноки илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи молия ва бонкдорӣ мавриди истифода қарор гирад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба имконияти татбиқи мустақими онҳо дар низоми идоракунии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» вобаста мебошад. Истифодаи методикаи пешниҳодшудаи таснифот ва модели мониторинг ба бонк имкон медиҳад, ки аз қарздиҳии кӯтоҳмуҳлати тиҷоратӣ ба маблағгузории сармоягузории миёна ва дарозмуҳлати соҳибкории истеҳсолӣ гузарад. Инчунин, тавсияҳои таҳияшуда барои Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи ҶТ ҳангоми мукаммал гардонидани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегии рушди низоми бонкӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва дастрасии субъектҳои хурду миёна ба захираҳои қарзӣ хизмат мекунанд. Натиҷаҳои кор метавонанд дар раванди таълими муассисаҳои олии касбӣ низ васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки мукаммалсозии механизми қарздиҳӣ самаранокии истифодаи захираҳои бонкиро афзоиш дода, дастрасии субъектҳои истеҳсолиро ба сармояи дарозмуҳлат таъмин месозад. Ин раванд ба суръатбахшии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, тавсеаи пойгоҳи андозбандӣ ва амалӣ гаштани ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд.

Аҳамияти иҷтимоии кор дар он зоҳир мегардад, ки дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна ба воситаи механизми самараноки қарздиҳӣ ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади воқеии аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ нигаронида шудааст. Дар ниҳоят, ин тадбирҳо ба подобни сатҳу сифати зиндагии мардум, хусусан дар минтақаҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ, таъсири мусбати мустақим мерасонанд.

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои чопшудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**6. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Мащмудов С.М. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**7. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, ҳашт зербоб, 8 ҷадвал, 6 расм, 13 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 196 сарчашма таҳия карда шуда, дар 199 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок, дараҷаи коркард арзёбӣ, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, фарзияи корӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда мешаванд.

**Дар боби якуми диссертатсия** асосҳои назариявӣ ва методологии қарзи бонкӣ дар низоми дастгирии молиявии СХМ таҳқиқ шуда, таҳаввули равишҳои илмӣ оид ба моҳияти иқтисодии қарз ва қарзи бонкӣ, хусусиятҳои пешниҳоди қарзи бонкӣ ба СХМ ва таҷрибаи хориҷии дастгирии молиявию қарзии онҳо баррасӣ гардидааст. (саҳ. 15-75).

Дар диссертатсия таҳаввули мукаммали равишҳои назариявӣ ва мактабҳои иқтисодӣ вобаста ба муайян кардани моҳияти иқтисодии қарз ва қарзи бонкӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, табиати молиявии он ҳамчун муносибати мураккаби алоқаманд бо ҳаракати сармояи заёмӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ амиқтар маънидод мегардад. Муаллиф равандҳои таърихиву назариявии шаклгирии низоми қарзиро пайгирӣ намуда, хусусиятҳои функсионалии қарзи бонкиро дар тақсимоти дубораи захираҳои молиявӣ ва таъмини муомилоти пулию асъорӣ ошкор месозад ва заминаҳои назариявиро барои омӯзиши механизми қарздиҳӣ мукаммал мегардонад. (саҳ. 15–30)

Дар зербоби дуюм (саҳ. 30–54) асосҳои назариявию методии раванди пешниҳоди қарзи бонкӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна мавриди таҳқиқи амиқи методологӣ қарор гирифта, хусусиятҳои спецификии ин бахш, аз ҷумла сатҳи таваккалпазирӣ, зарурати таъминоти қарзӣ ва алоқамандии он

бо афзоиши маҳсулнокии истеҳсолӣ гурӯҳбандӣ ва муайян карда мешаванд. Дар ин марҳила методологияи амалкунандаи баҳодиҳӣ ба пардохтпазирии соҳибкорони хурду миёна таҳлил ёфта, омилҳои дохиливу беруние, ки ба дастрасии онҳо ба захираҳои молиявии бонкӣ монеъ мешаванд ё онро суръат мебахшанд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мегарданд.

Муаллиф нақши стратегӣ ва ҷойгоҳи соҳибкории хурду миёна дар системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мавриди баррасии фарогир қарор гирифта, таҷрибаи байналмилалии кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд дар самти ташкили механизми самараноки дастгирии молиявию қарзӣ муқоиса ва таҳлил карда мешавад. Диссертант модели имтиёзнокӣ, кафолатдиҳӣ ва суғуртаи қарзҳоро дар кишварҳои хориҷӣ омӯхта, имкониятҳо ва роҳҳои асосии истифодаи мутобиқгардондашудаи ин таҷрибаи пешқадамро дар шароити кунунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. (саҳ. 54-70)

Муаллиф дар доираи **боби дуюми диссертатсия** вазъ ва тамоюлҳои маблағгузории СХМ дар шароити саноатикунонии иқтисодиёти ҶТ таҳлил шуда, нақши СХМ дар раванди саноатикунонӣ, хусусиятҳои ташаккули талаботи онҳо ба қарзи бонкӣ, вазъи маблағгузории ин бахш аз ҷониби низоми бонкии ҷумҳурӣ ва ҷойгоҳи КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ин раванд арзёбӣ гардидааст. (с. 76-126).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳарчанд бисёре аз кишварҳо дарк кардаанд, ки тараққиёт на танҳо саноатикунонӣ аст (Яъне, масъалаҳои таносуби байни саноат ва кишоварзӣ, самаранокӣ ва бисёр масъалаҳои дигар бояд ҳал карда шаванд), аммо тараққиётеро, ки дараҷаи назарраси саноатикунониро пешбинӣ намекунад ё бе он мегузарад, тасаввур кардан душвор аст. (саҳ. 76-83)

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда унвонҷӯ муайян кардааст, ки СХМ як рукни калидии бахши хусусии иқтисодиёти ҶТ буда, ҳам аз ҷиҳати саҳм дар шуғли аҳолӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ – аз ҷумла рушди деҳот ва бо кор фарогирии занон – аҳаммияти муҳимми сохторӣ дорад. Бо вуҷуди ин, динамикаи миёнамуҳлати нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳад, ки имкониятҳои ин бахш пурра истифода намешаванд ва вокуниши он ба таконҳои беруна ва тағйирёбии муҳити институтсионалӣ хеле ҳассос боқӣ мемонад. (саҳ. 88-109)

Муаллиф ақидае дорад, ки саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи стратегӣ ба ташаккули талаботи сохторӣ ва рӯзафзун ба қарзи бонкӣ аз ҷониби СХМ-и истеҳсолӣ меоварад, зеро навсозии технология, густариши иқтидор ва таъмини рақобатпазирӣ сармояи миёна ва дарозмуҳлатро тақозо мекунад, ки аксаран аз имконияти худмаблағгузории КХ болотар аст. Бо такя ба мантиқи занҷираҳои арзиши иловашуда таъкид мегардад, ки СХМ дар камарбандҳои агросаноатӣ, маҷмуи сохтмонӣ-саноатӣ, хизматрасониҳои вобаста ба истихроҷ ва инфрасохтори шаҳрии саноатӣ таъсири мултипликативии баланд доранд, аммо коршоямии ин нақш ба дастрасии устувор ба захираҳои қарзӣ ва мутобиқати муҳлати қарз ба табиати давраҳои истеҳсолӣ вобаста мемонад. (саҳ. 88-122)

**Дар боби сеюми** диссертатсия самтҳои такмили муҳити институтсионалӣ ва механизми қарздиҳии СХМ дар шароити саноатикунонии иқтисодиёти ҶТ асоснок карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки муҳити институтсионалии қарзгузории СХМ бояд ҳамчун маҷмуи қоидаҳои расмӣ, расмиёти ташкилӣ ва институтҳои инфрасохторӣ фаҳмида шавад, ки онҳо тақсимоти хавфҳо, арзиши миёнаравии молиявӣ, суръати қабули қарорҳои қарзӣ ва сатҳи дастрасии СХМ-ро ба маблағгузорӣ муайян менамоянд.

Бо ақидаи муаллиф дар зербоби 3.1 комилан розӣ шудан мумкин аст, зеро ӯ муҳити институтсионалиро ҳамчун низоми мураккаб ва идорашавандаи қоидаҳо, расмиёт ва инфрасохтори молиявӣ дуруст тафсир намуда, самтҳои афзалиятноки такмили онро барои афзоиши дастрасии соҳибкории хурду миёна ба захираҳои қарзӣ пешниҳод менамояд. Муаллиф бо далелҳои эътимодбахши илмӣ нишон медиҳад, ки беҳтар кардани заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, кам кардани таваккалҳои қарзӣ ва ҳамгироии ҳадафҳои фарогирии молиявӣ бо устувории низоми бонкӣ омили асосии табдили сохтории иқтисодиёт ва дастгирии фаъолияти истеҳсолии соҳибкорон мебошад. (саҳ. 127-144)

Муаллиф ҳангоми таҳияи зербоби 3.2 механизми қарздиҳии КВД БА ҶТ «Амонатбонк»-ро дар контексти амалӣ гардидани ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар мавриди таҳлили амиқ ва амсиласозӣ қарор дода, модели амаливу мушаххаси гузаришро аз қарздиҳии кӯтоҳмуҳлати тиҷоратӣ ба маблағгузории сармоягузории миёна ва дарозмуҳлат таҳия ва асоснок мекунад. Дар ин замина, пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба соддагардонии раванди қабули қарорҳои қарзӣ, ворид намудани коэффитсиентҳои ислоҳкунандаи соҳавию минтақавӣ ва автоматикунонии мониторинги истифодаи афзалиятноки маблағҳо хусусияти баланди амалӣ дошта, ба самаранокии фаъолияти ин бонки давлатӣ мусоидат менамоянд. (саҳ. 145-167)

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар зербоби 1.1 ақидаи олимони ватаниву хориҷӣ оид ба моҳияти қарзи бонкӣ васеъ оварда шудааст, вале шарҳи мунақидонаи худи муаллиф ба таври кофӣ зоҳир нагаштааст.

2. Дар зербоби 1.3 таҷрибаи хориҷии дастгирии қарзии СХМ таҳлил шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи кишварҳои ИДМ ва имконияти истифодаи онро дар Тоҷикистон алоҳида баррасӣ мекард.

3. Робитаи муҳити институтсионалӣ ва дастрасии СХМ ба қарз ошкор шудааст, вале монеаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва инфрасохтории қарздиҳии саноатӣ муфассал нишон дода нашудаанд.

4. Дар кор механизмҳои идоракунии таваккалҳои қарзи бонкӣ, аз ҷумла таваккали баргардонида нашудани қарзҳо, сатҳи пасти рақамисозӣ ва таъсири таварруму қурби асъор ба таври зарурӣ пешниҳод нагаштаанд.

Вале эродҳои мазкур ҳаргиз арзиши баланди илмию назариявии кори анҷомёфтаро коста намегардонанд ва ҳамчун тавсия барои пажӯҳишҳои минбаъдаи муаллиф ироа мегарданд.

## 10. Хулосаи умумӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори департаменти қарздиҳии
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" Маҳмудов Ф.И.

Дурустии имзои **Маҳмудов Ф.И.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кормандон Абдураҳмонов А.М.

ИДОРАИ КОРМАНДОН

**Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Бохтар 37/1
Тел: +992 902901111
E-mail: fayz-16@mail.ru